# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ))

Таҳқиқоти диссертатсионии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна - “Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” - аз нигоҳи талабот ба муносибат босалоҳият ба таълим хеле умда мебошад, зеро масоили ташаккули фаъолнокии маърифативу эҷодии хонандагон дар раванди таълими фани адабиёти тоҷик яке аз равандҳои педагогии самаранок дар ташкилу ҳавасмандкунии фаъолнокии таълимӣ-маърифатии хонандагони макотиби миёна барои аз худ намудани донишҳои илмӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ бо истифода аз роҳу воситаҳои дидактикии фаъолгардонии таълим маҳсуб меёбад. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додаст, ки таҳқиқу татбиқи асосҳои назариявию амалӣ ва методии муносибати босалоҳият дар низоми нави таълими фани адабиёт ва корбурди технологияи фаъоли таълим дар мисоли омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муайян намудани нақши технологияи муосири таълим дар шаклгирӣ ва такомули салоҳиятҳои хонандагону омӯзгорон дар раванди омӯзиши каломи манзумро мавриди таҳқиқи назариявӣ ва амалӣ қарор дода, ҷанбаҳои тарбиявию ахлоқии матнҳои манзуми адабиро (дар мисоли рубоӣ, ғазал, достон ва ғайра) муайян намояд, ки ин, билкул, як таҳқиқоти илмии хеле ҷолиб мебошад. Дар таҳқиқот бори аввал масъалаи методикаи таълими каломи манзум дар шароити низоми салоҳиятнокӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба риштаи таҳқиқу озмоиш кашида шуда, усулҳои таълими ашъори лирикӣ ва асарҳои назмии ҳамосии тоҷикӣ-форсӣ пешкаш гардидаанд.

Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқоти мазкурро назарияи педагогика, усулҳои фаъоли таълими ба муносибати босалоҳият нигаронидашуда ташкил додаанд ва дар ин замина методикаи нави таълими каломи манзум дар раванди дарси адабиёт бо методикаи анъанавии таълими адабиёт муқоиса гардида, хулосаву натиҷаҳои

ҷолиб пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф дар анҷоми ҳар боб озмоишу пажӯҳиши амалӣ ва натиҷаи таҳқиқоташро ҷамъбаст намуда, моҳияти масъаларо нишон дода тавонистааст. Дар хулоса муҳаққиқ масъалаҳои ба миёнгузоштаашро мавриди омӯзишу таҳқиқи амиқ қарор дода, натиҷагирӣ менамояд ва роҷеъ ба муҳиммияти ҳар қисмати он андешаву назари худро иброз дошта, хулосаи мантиқӣ бароварда, тавсияҳои муфид барои мутахассисони соҳаи филология, методика, педагогика дар таҳияи ҷабҳаҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодиву маърифатии хонандагон пешниҳод намудааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки таҳқиқоти анҷомдодашуда дорои арзиши илмии назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Автореферати мазкур ба талабот ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос намудааст.

Диссертант дар таҳқиқи рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Ба ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Султонмамадова Марҳабо Айдармамадовна "Асосҳои методии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълими адабиёти тоҷик ҳангоми омӯзиши каломи манзум дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои филологии
кафедраи забон ва адабиёти тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии Данғара — Шаробова М. Қ.

Тел: 905.80.60.54

Имзои н.и.ф. М. Қ. Шаробова - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

23.11.2024